«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, д.и.х., профессор
__________ Насриддинзода Э. С.
«28» 06 __________ 2025с.

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Шокаримзода Сироҷиддин Мирзо дар мавзуи: «Таҳияи технологияи коркарди омехтаи кислотаҳои гидрогенсилитсийфторид ва фторид» аз рӯйи ихтисоси 6D072000 – Технологияи химиявии моддаҳои ғайриорганикӣ дар кафедраи химияи татбиқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва лабораторияи таҳқиқотҳои экологӣ ва коркарди партовҳои саноатии Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии металлургия»-и Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Шокаримзода Сироҷиддин Мирзо докторанти доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D072000 – Технологияи химиявии моддаҳои ғайриорганикии кафедраи химияи татбиқии факултети химия ба шумор мерафт.

Шокаримзода Сироҷиддин Мирзо соли 2013 ба шуъбаи рӯзонаи факултети химияии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ихтисоси 31050101 – Химияи татбиқӣ дохил шуда, онро соли 2018 бо ихтисоси "Химик. Тадқиқотчӣ" хатм намудааст.

Аз 03 сентябри соли 2018 дар МД «Пажуҳишгоҳи илмию таҳқиқотии металлургия»-и ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» (МД "ПИТМ"-и ҶСК "ШАТ") ба кор оғоз намуд. Солҳои 2019 ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) аз рӯи ихтисоси 31050101 химияи татбиқӣ дохил шуда соли 2021 зинаи мазкурро бо ихтисоси "Химик. Тадқиқотчӣ" хатм намуд.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 05.11.2021, №444-05 ба ҳайси докторанти PhD аз рӯйи ихтисоси 6D072000 – Технологияи химиявии моддаҳои ғайриорганикӣ дар кафедраи химияи татбиқии факултети химия қабул гардида, зинаи мазкурро бо фармоиши ректори донишгоҳ аз 09.08.2024, №284-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоњи миллии Тољикистон аз 29 январи соли 2022, №06 тасдиқ шудааст.

**Роҳбарони илмӣ:**

Рафиев Рустам Сафаралиевич – номзади илмҳои химия, мудири кафедраи химияи татбиқии факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Наимов Носир Абдураҳмонович – номзади илмҳои техникӣ, директори МД «Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии металлургия»-и ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик».

Маълумотномаи академӣ (транскрипт) дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадї 24-уми июни соли 2025, №13 аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Шокаримзода Сироҷиддин Мирзо дар ҷаласаи васеи кафедраи химияи татбиқии факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар таърихи 26 июни соли 2025 протоколи № 11 муњокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Шокаримзода Сироҷиддин Мирзо дар мавзуи «Таҳияи технологияи коркарди омехтаи кислотаҳои гидрогенсилитсийфторид ва фторид» чунин хулоса қабул карда шуд:

- **Ихтисос ва номи мавзӯи кори диссертатсиони** ба бандҳои 2, 4, 5 ва 9-и шиносномаи ихтисоси 6D072001 – Технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ, мутобиқат мекунад.
- **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсиони дар амалӣ гардонидани ҳадафи чоруми миллӣ, яъне саноатикунонии босуръати мамлакат, панҷсолаи «Солҳои рушди саноат» (солҳои 2022-2026) ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) алоқаманд мебошад.
- **Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Теъдоди мақолаҳо 19-то буда, 6-тои он дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва 13-то дар маводи конференсияҳои илмию амалии байналмиллалӣ

ва ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд, инчунин 4 нахустпатенти ҶТ барои ихтироот гирифта шудааст, ки ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати мутобиқат мекунад.

- **Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявию амалии кор ба он асос карда шудааст, ки усулҳои безараркунии омехтаи КГСФ ва кислотаи фторид шароит фароҳам меорад, то омехтаи $Na_2SiF_6$ ва фториди натрий – ашёи хом барои истеҳсоли электролит, хулаи алюминию силитсий (силумин), флюс ва ғайраҳо, инчунин фториди алюминий ва криолит – ашёи хоми истеҳсоли алюминий, оксиди аморфии силитсий – ашёи хоми соҳаи дорусозӣ, резинаҳо, батареяҳои офтобӣ, шишаи моеъ – ашёи хоми соҳаи сохтумонӣ, комбинатҳои бойгардонӣ ва ғ. истеҳсол карда шавад. Дар асоси таҳқиқотҳои гузаронидашуда, 6 санад оид ба санҷиши технологияҳо дар истеҳсолот, истеҳсоли миқдори таҷрибавии маҳсулот ва санҷиши онҳо, инчунин татбиқи технология дар истеҳсолот тасдиқ шудааст.
- **Саҳми довталаб дар иљрои таҳқиқи дисертатсионї** аз банақшагирии мустақилонаи корҳои илмӣ, таҳлили амиқи адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, таҳия ва коркарди масъалаҳои таҳқиқот бо истифода аз усулҳои муайян ва гузаронидани таҷрибаҳо, навиштани мақолаҳо, коркарди омории маълумотҳои таҷрибавӣ, таҳияи хулосаҳои рисолаи илмӣ иборат мебошад.

**Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии** Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D072001 – Технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ мутобиқат менамояд:

Банди 1. Равандҳои технологии ҳосил намудани маҳсулоти ғайриорганикӣ: намакҳо, кислотаҳо ва ишқорҳо, нуриҳои минералӣ, изотопҳо ва маҳсулоти ғайриорганикии тозагияшон баланд, катализаторҳо, сорбентҳо, маводҳои ғайриорганикӣ. Дар зермавзӯҳои 3.1, 3.4, 3.5, 3.7 раванди ҳосил намудани омехтаи СФН ва NaF, $SiO_3$, $AlF_3$, $Na_3AlF_6$ ва шишаи моеъ аз омехтаи кислотаҳо муфассал дарҷ гардидааст;

Банди 2. Ҳодисаҳои интиқоли гармӣ дар моддаҳо дар робита бо тағирёбии химиявӣ дар равандҳои технологӣ. Кинетика ва термодинамикаи табдилёбии химиявӣ ва байнифазавӣ. Дар зермавзӯҳои 3.3 ва 3.6 ҳисобҳои термодинамикӣ ва кинетикии раванди коркарди омехтаи кислотаҳо оварда шудааст;

Банди 4. Усулҳо ва пайдарҳамии амалиётҳо ва равандҳои технологии коркарди ашёи хом, маҳсулоти мобайнӣ ва иловагӣ, захираҳои дуюмдараҷаи моддӣ (партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ) ба маҳсулоти ғайриорганикӣ. Дар зермавзӯҳои 3.1, 3.4, 3.5, 3.7, 4.1-4.5 маълумоти муфассал оид ба усулҳои коркард, инчунин пайдарҳамии гузаронидани амплиётҳои технологӣ ва равандҳои коркарди ашёи хоми ибтидоӣ оварда шудааст;

Банди 5. Масъалаҳои экологии ба вуҷуд овардани маводи ғайриорганикӣ ва маснуот дар асоси онҳо. Усулҳо ва пайдарҳамии амалиётҳо ва равандҳои технологии ҳифзи муҳити зист аз партовҳои моддаҳои ғайриорганикӣ. Худ ба худ омехтаи кислотаҳо маҳсулоти дуюмдараҷа буда, безарар гардонидани он масъалаи зарурӣ мебошад. Бинобар ин, дар бобҳои 3 ва 4 усулҳои коркарди дубора ва безараргардонидани омехтаи кислотаҳо оварда шудааст.

Банди 9. Таҳияи сохторҳои мувофиқ ва конструксияҳо, инчунин технологияҳои инноватсионии истеҳсоли маводҳои дорои нишондиҳандаҳои истеъмолӣ ва техникию иқтисодӣ, барои кам кардани хароҷоти ташкили истеҳсоли онҳо ва беҳтар намудани сифати маҳсулот. Дар зермавзӯҳои 3.2, 3,8 ва 4.1 схемаҳои принсипиалию технологӣ ва зермавзӯъҳои 4.6 ва 4.7, арзёбии техникию иқтисодии технологияҳои таҳияшуда дарҷ гардидааст.

Диссертатсия аз номгуйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартї, муқаддима ва чор боб иборат буда, дар 165 саҳифаи чопи компютерӣ, бо 32 расм ва 36 ҷадвал тасвир шудааст, ки дорои муҳокима, хулосаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда мебошад. Рисола бо 12 замима ба анҷом мерасад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 19 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия воридбуда, интишор гардида, инчунин 4 нахустпатент

барои ихтироъ гирифта шудааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 4,85 ҷузъи чопиро ташкил медиҳанд.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1-М]. **Шокаримов, С.М.** Исследование технологии получения смеси кремнефторида и фторида натрия из побочного продукта производства плавиковой кислоты / С.М. Шокаримов, Н.А. Наимов, Ҷ.Р. Рузиев, Р.С. Рафиев, А.А. Аслонов, Х. Сафиев // Вестник Таджикского национального университета, Серия естественных наук. – 2024. - №2. – С. 110-123.

[2-М]. **Шокаримов, С.М.** Кинетикаи таҷзияи гидроксиди алюминий дар омехтаи кислотаҳои гидрогенсилитсийфторид ва фторид / С.М. Шокаримов, Н.А. Наимов, Ҷ.Р. Рузиев, Р.С. Рафиев, Х. Сафиев // Паёми Политехникӣ (Бахши Таҳқиқотҳои муҳандисӣ). -№2 (66). -2024. -С. 79-85.

[3-М]. **Шокаримов, С.М.** Производство опытной партии фтористых солей из побочного продукта производства плавиковой кислоты с использованием хлорида натрия / С.М. Шокаримов, Н.А. Наимов, Р.С. Рафиев, Дж.Р. Рузиев // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. - № 2 (66). – 2024. – С. 70-74.

[4-М]. Раджабзода, Н.Х. Выпуск опитно промыш ленных партий криолита с использованием хлорида и гидроксида натрия и их ис пытания при производстве алюминия / Н.Х. Раджабзода, Н.А. Наимов, Х.А. Мирпочоев, **С.М. Шокаримов**, Х.Х. Усмонов // Вестник технологического университета. - 2024. - Т.27. - №4. - С. 57-62. DOI 10.55421/1998-7072_2024_27_4_57.

[5-М]. Раджабзода, Н.Х. Технология комплексной переработки смеси кремнефтористоводородной и плавиковой кислот – побочного продукта производства плавиковой кислоты / Н.Х. Раджабзода, **С.М. Шокаримов**, Н.А. Наимов, Р.С. Рафиев, С.А. Сатторов // Вестник технологического университета. - 2024. - Т.27. - №8. - С. 87-94.

[6-М]. Раджабзода, Н.Х. Технико-экономические основы технологии производства фторида натрия и аморфного кремнезёма из смеси

кремнефтористоводородной и плавиковой кислот / Н.Х. Раджабзода, Н.А. Наимов, С.А. Сатторзода, У.М. Мирсаидов, **С.М. Шокаримзода** // Вестник ТНУ, серия естественных наук**.** - № 2. – 2025. – С. 222-233.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

**[1-М]. Шокаримов, С.М.** Получение фторида алюминия из кремнефтористводородной кислоты / С.М. Шокаримов, Р.С. Рафиев, Дж.Р. Рузиев, Х. Сафиев // Материалы Республиканской научно-преподовательского состава, сотрудников и студентов ТНУ, посвященной «5500 – летиюдревного Саразма», «700-летия выдающегося таджикского поета Камола Худжанди» и «20 – летию изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и оброзования». – Душанбе. – 2020г. -С. 42-43.

**[2-М]. Шокаримов, С.М.** Получение кремнефторида натрия из кремнофтористоводородной кислоты с изпользованием хлорида натрия / С.М. Шокаримов, Р.С. Рафиев, Д.Р. Рузиев, Х. Сафиев // там же. – С. 43-44.

**[3-М]. Шокаримов, С.М.** Комплексная переработка кремнефтористоводородной кислоты с использованием хлорида натрия / Ш. Кабир, Х. Сафиев, С.М. Шокаримов, Н.А. Наимов, Дж.Р. Рузиев и др. // Материалы X Всероссийской научно-практической конференции «Перспективы развития технологии переработки углеводородных и минеральных ресурсов» с международным участием. – Иркутск. – 22-24 апреля 2020 г. – С. 93-95.

**[4-М]. Шокаримов, С.М.** Комплексная переработка смеси кремнефтористоводородной и плавиковой кислот с применением гидроксидов алюминия и натрия / С.М. Шокаримов, Р.С. Рафиев, Н.А. Наимов, Дж.Р. Рузиев, И.Ш. Ахмадшоев, Х. Сафиев // III международная научно-практическая конференция на тему: «Развитие химической науки и область её использований», посвященной 80-летию памяти д.х.н., член корр. НАНТ-а профессора Кимсанова Бури Хакимовича. – Душанбе. – 2021г. – С. 224-230.

**[5-М]. Шокаримов, С.М.** Омӯзиши параметрҳои физикавию химиявии технологияи ҳосил намудани фториди алюминий аз омехтаи кислотаҳои гидрогенсилитсийфторид ва фторид // С.М. Шокаримов, Н.А. Наимов, Ҷ.Р.

Рузиев, Р.С. Рафиев, И.Ш. Аҳмадшоев / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “вазъи кунунӣ ва дурнамои таҳлили физико-химиявӣ”, бахшида ба эълон гардидани ҳадафи чоруми стратегӣ-саноатикунонии кишвар, солҳои 2022-2026-солҳои рушди саноат, 65-солагии таъсисёбии кафедраи “Химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ” ва гиромидошти хотири арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои химия, профессор, Лутфулло Солиев. – Душанбе. – 2023. – С. 60-63.

**[6-М]. Шокаримов, С.М.** Технологияи ҳосил намудани оксиди силитсийи аморфӣ аз омехтаи кислотаҳои гидрогенсилитсийфторид ва фторид // С.М. Шокаримов, Н.А. Наимов, Ҷ.Р. Рузиев, Р.С. Рафиев, И.Ш. Аҳмадшоев / ҳамонҷо. – Душанбе. – 2023. – С. 40-43.

**[7-М]. Шокаримов, С.М.** Омӯзиши технологияи ҳосил намудани криолит аз маҳлули фториди алюминий / С.М. Шокаримов, Н.А. Наимов, Ҷ.Р. Рузиев, Р.С. Рафиев, И.Ш. Аҳмадшоев // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмиллалӣ дар мавзӯи “Рушди илмҳои химия, технология ва экология” бахшида ба 20-солагии таъсисёбии кафедраи “Технология ва экологияи химиявӣ” ва “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”. – Душанбе. – 12-13-уми майи соли 2023. – С. 39-41.

**[8-М]. Шокаримов, С.М.** Омӯзиши технологияи ҳосил намудани шишаи моеъ аз оксиди силитсийи аморфӣ / С.М. Шокаримов, Н.А. Наимов, Ҷ.Р. Рузиев, Р.С. Рафиев, И.Ш. Аҳмадшоев // ҳамонҷо. – С. 43-44.

**[9-М]. Шокаримов, С.М.** Таҳияи схемаи принсипиалию технологии коркарди комплексии омехтаи кислотаҳои гидрогенсилитсийфторид ва фторид / С.М. Шокаримов, Н.А. Наимов, Ҷ.Р. Рузиев, Р.С. Рафиев, И.Ш. Аҳмадшоев // ҳамонҷо. – С. 45-46.

**[10-М]. Шокаримов, С.М.** Процесс парообразования раствора кремнефтористоводородной и плавиковой кислот / С.М. Шокаримов, Н.А. Наимов., Р.С. Рафиев, И.М. Носиров и др. // Сборник материалов Международной научно – практической конфренции «Новые достижения в области естественных наук и информационных технологий», посвящённой «Двадцатилетию изучения и развития естественных, точных и математических наук на 2020-2040 гг.». -Душанбе. -30 мая 2023 г. -С. 117-

118.

**[11-М].** Сатторов, С.А. Технология получения жидкого стекла из аморфного кремнезёма, полученного гидролизом раствора метасиликата натрия / С.А. Сатторов, Н.А. Наимов, Р.С. Рафиев, У. Мирсаидов, **С.М. Шокаримов**, Х. Сафиев // Материалы Международной научно-практической конференции, посвященной памяти академика НАНТ, доктора химических наук, профессора Сафиева Хайдара на тему: «Развитие новых направлений в химии и химической технологии». – Душанбе. – 26 октября 2023г. – С. 15-19.

**[12-М].** **Шокаримов, С.М.** Кинетикаи таҷзияи гидроксиди алюминий дар омехтаи кислотаҳои гидрогенсилитсийфторид ва фторид / С.М. Шокаримов Н.А. Наимов Р.С. Рафиев Ҷ.Р. Рузиев. // Конференсияи VI илмии байналмилатӣ: «Масъалаҳои химияи физикӣ ва координатсионӣ», бахшида ба «Бисолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040), 90-солагии доктори илмҳои химия, профессор Ҳомид Муҳсинович Яқубов, гиромидошти хотираи доктори илҳои химия, профессор Зуҳуриддин Нуридинович Юсуфов, 75-солагӣ ва 53-солагии фаъолияти илмӣ – таълимии д.и.х., проф. Раҳимова М. – Душанбе. – 15-16-уми майи соли 2024. – С. 192-198.

**[13-М].** **Шокаримов, С.М.** Омӯзиши технологияи ҳосил намудани криолит бо истифода аз маҳлули сулфати натрий / С.М. Шокаримов, Н.А. Наимов, Р.С. Рафиев, С.А. Сатторов // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба “30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024” ва “Бисолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф». - Душанбе. - 2024. - С. 116-119.

## III. Патентҳо барои ихтироот:

**[1-М].** Малый патент Республики Таджикистан №TJ 1128. Способ комплексной переработки кремнефтористоводородной кислоты / Кабир Шерали, Сафиев Х., Мирпочоев Х.А., Муродиён Асрор, Наимов Н.А., Шокаримов С.М. и др. // МПК C01F7/00. №2001455; заявл. 12.08.2020; зарегистрировано 28.12.2020, Бюл.167, 2021. -3с.

**[2-М].** Малый патент Республики Таджикистан №TJ 1319. Способ

получения смеси кремнефторида и фторида натрия / Н.Х. Раджабзода, Х. Сафиев, Х.А. Мирпочоев, А. Муродиён, Н.А. Наимов, Дж.Р. Рузиев, **С.М. Шокаримов**, И.Ш. Ахмадшоев и др. // МПК С01В33/10. №2201672; заявл. 28.04.2022; зарегистрировано 21.11.2022, Бюл.189, 2022. -3с.

**[3-М].** Малый патент Республики Таджикистан №TJ 1482. Способ комплексной переработки смеси кремнефтористоводородной и плавиковой кислот / Н.Х. Раджабзода, У. Мирсаидов, Н.А. Наимов, А. Муродиён, С.А. Сатторов, И.Ш. Ахмадшоев, А.А. Аслонов, **С.М. Шокаримов**, Г. Аминджони // МПК C01D 3/02. C03C 3/4, №2301904; заявл. 01.12.2023; зарегистрировано 4.04.2024, Бюл.206, 2024. -4с.

**[4-М].** Малый патент РТ №TJ1531. Способ комплексной переработки побочного продукта производства плавиковой кислоты / Н.Х. Раджабзода, Н.А. Наимов, Х.А. Мирпочаев, **С.М. Шокаримов**, С.А. Сатторов, Г. Аминджони, Р.С. Рафиев // МПК C01D 3/02. №22401946; заявл. 04.04.2024; зарегистрировано 04.09.2024, Бюл. 210, 2024, -5с.

**Ҷаласа қарор кард:**

**1**. Диссертатсияи Шокаримзода Сироҷиддин Мирзо дар мавзуи «Таҳияи технологияи коркарди омехтаи кислотаҳои гидрогенсилитсийфторид ва фторид» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D072001 – Технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

**2**. Диссертатсияи Шокаримзода Сироҷиддин Мирзо дар мавзуи «Таҳияи технологияи коркарди омехтаи кислотаҳои гидрогенсилитсийфторид ва фторид» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D072001 – Технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои дисертатсионии 6D.КОА-042-и назди МДИ “Институти химия ба номи В.И. Никитин”-и Академияи миллии илмњои Тољикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи химияи татбиқии факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон протоколи №11 аз 26-уми июни соли 2025 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: 62 нафар, аз ҷумла, 4 нафар докторони илмҳои техникӣ, 41 нафар номзади илмҳои химия ва техникӣ, 3 нафар омӯзгорони калон. Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» – 62 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» - 0 нафар.

**Раиси ҷаласа:**
Профессори кафедраи
химияи ғайриорганикӣ Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои химия Мабатқадамзода К.С.

**Котиби ҷаласа:**
Номзади илмҳои химия Камолова И.У.

*Имзои Мабатқадамзода К.С. ва Камолова И.У.-ро тасдиқ мекунам.*

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш